«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
И.в. директори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бурҳонзода Э.Б.

_______________________________

«_____» _______________ соли 2026

# ПРОТОКОЛИ № 1
## ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

**аз 23.01.2026** **ш. Душанбе**

**Раис: д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М.**
**Котиб: Саидзода М.Ё.**

**Иштирок доштанд:** д.и.ҳ, проф. Зоир Ҷ.М., (раиси ҷаласа), д.и.ҳ, проф. Иброҳимов С.И., профессор Имомов А., н.и.ҳ. Холиқзода А.Ғ. ва Саидзода М.Ё. (котиби ҷаласа).
**Даъватшудагон:** д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ., д.и.ҳ. Қодирзода Т.Қ., н.и.ҳ. Камолов З.А., н.и.ҳ. Мирзоахмедов Ф. ва роҳбари илмии унвонҷӯй д.и.ҳ., дотсент Қудратов Н.А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. **Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбари илмӣ**: Қудратов Некруз Абдунабиевич доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Қурбонзода Афзуна Азим баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, яке аз вазифаҳои аввалияти инкишофи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатдории имрӯзаи тоҷикон ҳимояи амнияти миллӣ, бахусус амнияти давлатӣ мебошад. Дар шароитҳое, ки имрӯз ҷой доранд, таҳдидҳо ба асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии арзӣ фаъол гардида истода, зарурияти таъхирнопазирии объективӣ, ҷиҳати аз ҷониби давлат нишон додани муқовимат ба чунин омилҳои зиддидавлатӣ ва зиддимиллӣ (ба монанди экстремизм, терроризм, сепаратизм) ба миён омадааст. Бо мақсади

ҳалли самараноки чунин вазифаҳо бар дӯши давлат мушкилӣ оид ба кор карда баромадани комплекси чораҳо ва воситаҳо, ки баҳри пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили давлат равона мегарданд, вогузошт шудааст. Дар чунин ҳолатҳо зарур аст, ки чораҳои саривақтӣ ва самаранок қабул карда шаванд, ки баҳри пешгирии низомноки ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат кифоя бошанд. Дар пешоҳанги чунин пешгирӣ меъёрҳои КҶ ҶТ нақши муҳим доранд. КҶ ҶТ дар боби 29 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат пешбинӣ намудааст. Тахрибкорӣ ҷиноятe мебошад, ки бо пайдоиши давлат бавуҷуд омад. Дар аввал тахрибкориро амалиёти ҷангие меномиданд, ки қувваҳои ночиз бо мақсади гумроҳ кардани душман, дур кардани диққат ва қувваҳои вай аз самти асосӣ гузаронида мешуданд. Дар замони осоишта бошад тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ фаъолона истифода мешавад, дар ҳоле ки диверсияро метавон ҳамчун амалҳои гуногуни террористӣ ҳисоб кард.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ дар қаламрави Тоҷикистон асосан аз даврони шӯравӣ оғоз мегардад. Бо дарназардошти ин нукта диссертант низ маҳз ҳамин давраро бештар мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳрикборӣ бори аввал дар қаламрави Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ асосан дар даврони шӯравӣ пешбинӣ гардида буд. Қонунгузории ҷиноятии ин давра ба истилоҳи «тахрибкорӣ» шинос буда дар муқоиса бо КҶ ҶТ амакунанда тарафи объективии ҷинояти тахрибкорӣ мукаммалтар аст. Ҷинояти тахрибкорӣ баъди ба даст овардани истиқлоли Тоҷикистон дар сатҳи КҶ ҶТ дар м. 309 амалкунанда бо тағйироти назаррасе нигоҳ дошта шуд. Моддаи 309 КҶ ҶТ аз 2 қисм иборат буда, дар он ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ бо мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Қабули КҶ ҶТ, ки дастоварди бузурге барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи истифодаи он буд, муҳимтарин воқеа дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Хусусияти Кодекси ҷиноятӣ дар мазмуни институтҳои асосии он инъикос ёфта, анъанаҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва хусусияти иқтисодиёти мамлакатро инъикос намуда, уҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаро ба назар гирифт. Дар қонунгузории нав дар зинабандии вазифаҳои ҳифзшаванда шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи аввал гузошта шудаанд. Онҳо ҳамчун объекти афзалиятноки ҳифзи ҳуқуқӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо эътироф карда шудаанд.

Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафтаи ИДМ барои мукаммал намудани КҶ ҶТ намунаи хубе мебошад. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки бештари кирдорҳое,

ки бо тахрибкорӣ алоқаи ногусастатнӣ доранд, то ҳол дар КҶ ҶТ криминализатсия карда нашудаанд. Ба монанди гирифтани таълимоти диверсионӣ (тахрибкорона), иштирок дар гуруҳи тахрибкорӣ, ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона.

Бояд гуфт, ки мубориза муассир, самаранок ва ҳамоҳангшуда бо воситаҳои қонуни ҷиноятӣ бар зидди тахрибкорӣ дар саросари кишварҳои узви ИДМ ва берун аз он танҳо вақте метавонад ҷой дошта бошад, ки ихтилофҳо дар фаҳми ҳамон як зуҳуроти марбут ба тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногун бартараф ё ҳадди ақал чунин ихтилофҳо кам карда шавад. Баҳри рафъи чунин ихтилофот муттаҳид сохтани қонунгузории ҷиноияти кишварҳои узви ИДМ зарур аст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконияти ба таври мушахас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ-ҷинояти тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, оянда инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад.

Мубрамияти мавзӯъро муаллиф дуруст асоснок намудааст, зеро солҳои охир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар соли 2010 – 1, соли 2011 – 6, 2012 – 2, 2013-2015 – 1, 2016 – 4, 2017 – 6, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ сабт гардидааст. Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳаммчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмӯи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти тахрибкорӣ дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааст.

Бояд гуфт ки КҶ ҶТ ҷавобгариро барои ҷинояти тахрибкорӣ пешбинӣ мекунад ва татбиқи амалии онҳо дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии тахрибкорӣ ва ҳамоҳангсозии таркибҳои ҷиноятҳои монанд вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро сад дар сад иҷро карда наметавонанд. Такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи ҳалли воқеии мушкилоти мубориза бар зидди тахрибкорӣ бошад. Дар робита ба ин, таҳлили қонунҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳо, ки дар онҳо тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ гардидааст, мубрам буда, омӯзиши онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе ҷиноятҳо хеле муҳим аст. Таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии муосири миллӣ ва хориҷӣ имкон медиҳад, то ки мушкилиҳои ҷойдоштаи КҶ ҶТ бартараф карда, такмил дода шавад. Бидуни омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мусбати хориҷӣ, такмили қонунгузорӣ, ҳалли дигар проблемаҳои ҳуқуқӣ, мубодилаи иттилооти ҳуқуқӣ ва ақидаҳои илмӣ, инкишофи низоми ҳуқуқии миллӣ ва ба ҳам наздик кардани низомҳои ҳуқуқии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон номумкин аст.

Вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаҳои таҳлили қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, бахусус тахрибкорӣ, зарурати густариш додани рушди илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шаклҳои содир гардидани тахрибкорӣ, коркарди силсила мафҳумҳо (категорияҳо)-и зарурӣ, муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт тақозо менамояд. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ муқаррар менамояд, ба такмили пайваста эҳтиёҷ дорад. Умуман ин омилҳо аз аҳаммиятнокии мавзуи тадқиқоти рисолаи номзадӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор, Иброҳимов С.И., н.и.ҳ. Холиқзода А.Ғ. ва н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Қурбонзода Афзуна Азим ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Кудратов Некруз Абдунабиевич доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Қурбонова Афзуна Азимбоевна суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ, проф. Зоир Ҷ.М. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла профессорон Имомов А., Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ. ва Камолов З.А. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносиии ДМТ баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Қурбонзода Афзуна Азим муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 14 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Қурбонзода Афзуна Азим ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 23 январи соли 2026, № 1 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Зоир Ҷ.М.**

**Котиби ҷаласа:**

Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Саидзода М.Ё.**

Имзои Зоир Ҷ.М. ва Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:
И.в. нозири шуъбаи кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Давлатмуродзода Б.Д.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: +992 93 444 41 65

“23” 01 2026 с.